ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қосимов Қурбонали Абдусамадович дар мавзуи “Муътазила ва фалсафаи ақлгароии он (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа пешкаш шудааст.

Диссертатсияи Қ.А. Қосимов ба таҳқиқи масъалаҳои актуалии вобаста ба шароити муосир, ки бо таҳдиди терроризму экстремизми динӣ ва механизмҳои амалӣ ва ғоявии ҳаллу фасли зӯровариҳои дастаҷамъии иттилоотӣ иртибот дорад, дар ҳошияи таърихи фалсафаи ислом ва таҷдиди назари ин гуна масоили мубрам дар мисоли таълимоти муътазила аҳамияти хосса дорад. Муқаррароте, ки довталаби диссертатсияи номзадӣ барои ҳимоя пешниҳод кардааст, бо возеҳият ва дақиқии баён фарқ мекунад. Муаллиф дуруст нишон додааст, ки муътазилиён дар ташаккулёбии фалсафаи ислом саҳми хосса гузошта, барои пайдоиш ва рушди мактабҳои нави ақлгароии ислом замина гузошта буданд ва таҳқиқи осори онҳо дар муборизаи пайравони дин ва ҳаёти дунявӣ дар замони муосир ҳамчун як навъ қолаби классикӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Ба таври алоҳида, баёни аз ҷиҳати услуб санҷидашудаи таҳлил ва пешниҳодоти муаллифро, ки аз ҷиҳати вижагиҳои таърихӣ-фалсафии рисола арзишманд буда, ба ҳадафҳои он комилан мувофиқат дорад ва инчунин баррасии аълои мавзуъ, огоҳии баланди муаллифи рисола аз масъалаҳо, консепсияҳо ва баҳсҳои марбут ба мавзӯи омӯхташавандаро қайд кардан лозим аст. Худи таҳлили масъалаҳои гуногугни динии ислом, ки дар назарияи “панҷ усул” (ал-усул ал-хамса) ҷамъбаст шуда, на аз мавқеи тақлидии анъанавии фақеҳону уламои ислом, балки аз нигоҳи интиқодӣ ва дар доираи ақлгароӣ аз ҷониби мутафаккирони муътазила сурат мегирад, аллакай мухолифати усули таҳқиқоти муътазиларо бо исломи суннатӣ нишон медиҳад. Намунаи одитарини он ақидаи муътазилиён дар бораи масъалаи махлуқ (офарида) будани Қуръон, озодии иродаи инсон, ки дар ҳаёти дунявӣ ба иродаи Худо тобеият надошта, инсон ба ихтиёри хеш гузошта мешавад ва аз ҷабри илоҳӣ озод аст, хусусияти олитарини ақлгароиро нишон иедиҳад, ки агар ба замони имрӯзаи ҷомеаи Тоҷикистон муқоиса кунем, дар мавриди зиёд аз тафаккури диндорони мусулмони он

болотар аст. Аз ин рӯ, муътазилиёнро та куфру илҳод муттаҳам месозанд, гарчанде ки муътазила аз принсипҳои асосӣ даст накашидааст.

Ин таҳаввулоти фикрие, аст, ки дар заминаи таҳлилҳо ва таҳқиқоти таърихӣ-фалсафӣ ба миён омада, на дар ҷои хало, балки дар ҷомеаи асримиёнагӣ рух дода, аз нигоҳи аксиологӣ бо омӯзиши муносибатҳои иҷтимоии одамони он давра чен карда мешавад, ки метавонанд хусусияти мусбат ва ё манфӣ дошта бошанд. Дар маҷмуъ мубрамияти мавзуи диссертатсионии Қ.А. Қосимовро ҳадди ақал бар ду мабно ҷамъбаст кард: аввалан, таҳқиқи муносибати уламо ва фақеҳон, ки ба таҳдиду фишорҳояшон ба мутафаккирони ақлгаро хусусияти зӯроварӣ ва ифротгарой доранд, инъикосгари муносибатҳои ҳаммисли он дар ҳаракатҳои террористӣ ва экстремистӣ мебошад; сониян, фаҳмиши масоили табиатшиносии муътазила дар мисоли атомшиносии онҳо дар асрҳои миёни исломӣ ҳамеша мубрам боқӣ мемонад.

Дар кори диссертатсионии Қосимов Қ.А. ба таври комил ва саҳҳеҳ навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ асоснок гардида, дақиққорона объект ва предмети таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он шаклбандӣ шудаанд. Кори диссертант бо сарчашмаҳмо қобили қайд аст, ки дар асоси омӯзиши онҳо барои мушаххас сохтани мавқеи таҳқиқотии худаш дар баъзе масоили мубоҳисавӣ мусоидат намоянд. Аз ин ҷо, ба ҳайси фазилати диссертатсия иттиллои амиқи диссертантро бо адабиёти вобаста ба мавзуи таҳқиқ, бо фалсафаи ақлгарои исломӣ ва умуман фалсафа қайд кардан ҷоиз аст. Натиҷаҳои ин иттилоотро дар порчаҳои иқтибосшуда аз осори файласуфони гуногни атиқа, асримиёнагӣ ва замони нав, инчунин дар таҳлили муқоисавии афкору ақоиди онҳо ва хулосабандии мувофиқи онҳо мушоҳида кардан мумкин аст.

Фазилати таҳқиқот инчунин бо маҷмуи методологии таҳқиқот, принсипҳо ва усулҳои махсуси таҳлил тасдиқ шуда метавонанд. Таҳқиқот аз ду боб, шаш фасл, хулосаи умумӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Боби аввал ба таҳқиқи заминаҳои таърихӣ-иҷтимоӣ ва ғоявӣ-назариявии пайлоши муътазила ва фалсафаи он, шароити таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши муътазила, сарчашмаҳои ғоявии фалсафаи ақлгароии муътазила ва мутафаккирони он, тамоюлоти ақлгарои (ратсионализм)-и муътазила ва боби дуюм ба таҳлили фалсафаи ақлгароии муътазила, усулҳои бунёдии таълимоти ақлгароии муътазила, хусусиятҳои ақлгароии

таълимоти муътазила бар пояи назарияҳои метафизикӣ ва табиатшиносии он, инсон, ақл ва иродаи ӯ дар таълимоти муътазила бахшида шудаанд

Ҳангоми таҳлил муаллиф таснифоти гуногуни механизмҳои ташаккулёбии ақлгароиро дар таълимоти муътазила нишон дода, ба таври фаъол усулҳои гуногуни мантиқиро ба кор мебарад, ки барои муайян намудани моҳияти ақлгарой дар фаҳмиши динӣ ва дунявии таълимоти муътазила кӯмак мерасонад. Муҳтавои таҳқиқоти боби дуюм аҳамияти илмӣ-назариявии диссертатсияро боз ҳам бештар тақвият медиҳад: муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки барои инкори "хусусияти илоҳиётшиноси"-и таълимоти муътазила усули байнифарҳангӣ-таърихии таҳқиқи мавзуъро ба кор гирифта, аз ҳосил намудани натоиҷи дихотомӣ и эссентсиалистӣ дурӣ ҷустааст.

Бо дар назардошти нукоти фавқуззикр хулоса кардан мумкин аст, ки сатҳи ҷамъбаст намудани муҳтавои диссертатсия, ки аз ҷониби Қосимов Қ.А. ба иҷро расидааст, дар бораи қобилияти худи илмӣ ва таҳқиқотии ӯ дарак медиҳад ва ба баҳогузории баланд сазоваор аст. Муаллиф ҳақиқатан дар боби муттаҳид сохтан ва ба низом овардани доираи васеи таҳқиқоти ҳам ватанӣ, ҳам русӣ ва ҳам муҳаққиқони кишварҳои аврупой ва Шарқи мусулмонӣ кори зиёдро анҷом додааст, ки он барои ташаккул додани ҳадаф ва вазифаҳои диссртатсия ва дар асоси онҳо муваффақона ба сомон бурдани кори таҳқиқотӣ салоҳият доштани худро нишон диҳад. Диссертатсия дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои он ҳангоми омӯзиш ва таълими фанҳои таърихи фалсафа, диншиносӣ, фарҳангшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

Нашрияҳои Қ.А. Қосимов ба мавзуи кори таҳқиқотӣ пурра мувофиқ аст. Ҳамин тавр, кори таҳқиқотии мазкурро ҳамчун кори пурра, маҷмуӣ (комплексӣ) ва касбӣ баҳогузорӣ кардан мумкин аст. Муътамаднокии муқарраоти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки пешкаш карда мешаванд, бо методологияи истифодашуда, сохтори мантиқӣ, мазумӣ ва боварибахш будани назарияҳо ва сарчашмаҳоб таҳқиқоти илмии муҳаққиқони дигар ба исбот мерасанд.

Диссертатсияи Қ.А. Қосимовро мусбат арзёбӣ намуда, бояд баъзе камбудиҳои онро нишон дод, ки ба таври умум дар нукоти зерин ҷамъбаст меёбанд:

1. Агар дар доираи таҳлили ақоиди динӣ ва табиатшиносии муътазила таносуби афкори динӣ ва дунявӣ ва аҳамияти он барои ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон зиёдтар нишон дода мешуд, қурби кори таҳқиқотӣ боз ҳам афзун мегардид;

2. Дар сах. 60 муаллиф қайд кардааст: "... аксари пайравони он дар ибтидо зардуштӣ буданд". Агар ин андешаро муаллиф дақиқтар ва ба таври васеъ таҳлил менамуд, аҳамияти диссертатсия аз нигоҳи боло бардоштани ҳувияти миллии хонандаи он таҳвият меёфт.

Мулоҳизаҳои дар боло зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ ба баҳои хуби диссертатсия таъсир гузошта наметавонад. Диссертатсияи Қ.А. Қосимов дар мавзуи "Муътазила ва фалсафаи аҳлгароии он (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)" аҳамияти мушаххаси илмӣ-таҳқиқотӣ дошта, дар он муқаррароти назариявие коркард шудаанд, ки онҳоро дар маҷмуъ ҳамчун ҳаллу фасли проблемаи муҳими фалсафӣ-илмӣ баҳо додан мумкин аст. Матни автореферат бо матни диссертатсия шабоҳати комил дорад. Муаллиф чор мақола навиштааст, ки дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА тасдиқшуда нашр гардидаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

Котиби илмии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ, н.и.ф. Саидҷафарова П.Ш.
Тел.: 933995757 (моб.)
Email: mustafo2209@mail/ru

Имзои н.и.ф. Саидҷафарова Парвина Шовалиевнаро
тасдиқ менамоям:
Нозири калони кадрҳои Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ Шозедов Х.

«08» ноябри 2023